"Тасдиқ мекунам"
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" профессор
Усмонзода Аюб Ислом
______________
"26" ноябри соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

Хулосаи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) ба муҳокима пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" тайёр шудааст ва кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

Рисолаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва баррасӣ гардида, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовнаро дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо иштироки муқарризон - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Ш.А. ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сангов Н.Н., инчунин бо муқарризони берунаи рисолаи мазкур муҳокима ва баррасӣ намуданд.

Раиси Шӯрои олимони факултет, дотсент Рабиев С.М. ҷаласаро оғоз намуд ва сухани аввалин ба муқарризи холиси рисола профессор Шаропов Ш.А. дода шуд. Устод Шаропов Ш.А. қайд намуд, ки дар шароити имрӯзаи таълиму тарбияи насли наврас аз омӯзгорон

қобилияти истифодаи самараноки ташкили корҳои касбинтихобкунии босалоҳиятнок талаб карда мешавад. Тарзу усулҳои ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ бояд куллан ба дараҷаи дигар хоҳад гузошт, зеро методикаҳои кухна натиҷаҳои дилхоҳ надода истодаанд. Ҳоло ҳам хатмкунандагони имрӯза дорои иттилооти кофӣ дар бораи намудҳои касб, манфиатнокии он дар ҷомеа, хоҳишу қобилиятҳои хешро ба ин ё он равия дар худ ташаккул надодаанд. Аз ҳамин лиҳоз, аксари вакт, ки хатмкунандагон малакаи дурандешӣ надоранд, аз зинаҳои аввал маълумоти сахеҳ низ нагирифтаанд, аксарияти онҳо дар натиҷа, соҳиби касбу ҳунари дилноҳоҳ мегарданд. Пинҳонӣ нест, ки бо интихоби беандешаи ихтисос ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштан имконнопазир аст, изброз намуданд устод. Боиси ташвишовар аст, ки онҳо ҳоло ҳам ба фикру ақидаи хешу ақрабо, дӯстон ва омӯзгорони мактаб такъя мекунанд, аз он сабаб, ки тасаввурот ва қобилияти мустақилона интихоби дурусти касби хешро надоранд, изброз намуд муқарриз.

Дар баромади навбатӣ муқарриз Сангов Н.Н. - н.и.п., дотсент низ кайд намуд, ки кори диссертатсионӣ дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ва методӣ, инчунин таҳқиқ ва корандозии маводи амалӣ доир ба масъалаи пажӯҳиш таҳия гардидааст. Дар диссертатсия таввачуҳи бевоситаи устодро пурсишномае, ки дар 12 ҷадвал ва диаграммаҳо оварда шудааст, ҷалб намуд, ки дар сатҳи баланд коркард карда шудааст, қайд намуд устод. Пурсишномаи озмоишӣ дорои маҳфумҳои амиқ буда, аз натиҷаи давраи якуми он маълум гашт, ки омӯзгорони оянда, яъне донишҷӯён оид ба ташкил ва дуруст ба роҳ мондани корҳои касбинтихобкунӣ дорои донишҳои нокифоя мебошанд. Баъд аз гузариши курси интихобӣ афзудани холҳо аз ташаккули маҳорату донишҳои навдарёфтаи онҳо шоҳидӣ мекунад, ки бо воситаи диаграммаҳо хуб нишон дода шудааст. Муқариз таъкид кард, ки таҳқиқоти мазкур хело самаранок буда, дар оянда натиҷаҳои хуб хоҳад дод.

Муқарризи дигари диссертатсия, дотсент Азимова Н.С., ки муқарризи берунаи диссертатсия мебошад, баён намуд, ки баъд аз хондани кори илмии Носирова М.Н. маълум гашт, ки асосҳои методологӣ ва назариявӣ, инчунин тасаввуроти назариявӣ дар методика ва усулҳои нави ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, мафҳумҳо аз қабили "корҳои касбинтихобкунӣ", "таҳсилоти муосир" ба таври амиқ ва саҳеҳ маънидод гардидааст ва муқарриз дар баромади худ ба якчанд нуктаҳои асосӣ истода гузашт.

Инчунин дигар муқарризи беруна - дотсент Темирова Х.И. ба суханони муқарризон ҳамроҳ шуда, фикру ақидаи хешро бобати боби якуми диссертатсия изброз карданд. Дар боби якум доир ба пайдоиши касбу ҳунар ва ташаккули он аз давраи ибтидоӣ то имрӯз, беҳтар гаштани олоти меҳнат, намудҳои корҳои касбинтихобкунӣ дар ин ё он

давра иттилоъи бисёр оварда шудааст, ки шахсан худи муқарриз аз рисола ба худ маълумоти хуб гирифтанд, қайд кард муқарризи беруна.

Дар хулоса устод Шаропов Ш.А. ибрози ақида намуд, ки диссертатсияи Носирова Машхура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи муҳокима ва баромади як қатор муқарризон - докторони илмҳои педагогӣ, профессорон ва дотсентон чунин:

**ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:**

1. Диссертатсияи Носирова Машхура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талабот ва меъёрҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.
2. Мазмуну муҳтавои рисола бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидааст, бо мундариҷа ва номи мавзӯи рисола мувофиқ буда, моҳияти кор якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар 12 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудааст, инъикос ёфтааст. Китоби дарсӣ таҳти унвони “Касбинтихобкунӣ” низ аз чоп баромадааст, ки он ҳамаи ҷанбаҳои рисоларо дарбар мегиранд.
3. Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, муайян ва ошкор намудани хусусияти шартҳо ва омилҳои салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, омода ва ба нашр додани мақолаҳои илмӣ, коркарди методҳои ба замонаи муосир ҷавобгӯ, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омодаи саволҳо барои пурсишномаи озмоишӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҳосилшуда ва таълифи диссертатсия инъикос ёфтааст.
4. Кори диссертатсионии Носирова Машхура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ буда, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 тавсия дода мешавад.

Дар ҷаласа 15 нафар аъзоёни Шӯрои олимони факултет иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Бо як овоз қарор қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент — Рабиев С.М.

Котиби Шӯрои олимони факултет,
н.и.п., дотсент — Раҳмонова Д.З.

“Имзои Рабиев С.М. ва
Раҳмонова Д.З.-ро тасдиқ мекунам”
Мудири РК ва КМ-и МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” — Наврузов Э.М.

*Маълумот барои тамос:*
*Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш.Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков -1*